Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и
назди Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
(734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар таҳқиқоти мазкур низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредори забони англисӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, роҳҳои тарҷумаи онҳо ба забони тоҷикӣ ифода гардидаанд, ки ин аз **мубрам будани мавзуи** интихобшуда шаҳодат медиҳад.

**Мақсади** диссертатсия таҳқиқ намудани раванди ташаккулёбӣ ва анъанаҳои истифодаи калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредори забони англисӣ ва роҳу воситаҳои интиқоли маънои онҳо ба забони тоҷикӣ мебошад.

**Аҳаммияти амалии тақиқоти мазкур** аз он иборат аст, ки натиҷаои он амчун замина ва асоси назариявӣ дар бартараф намудани мушкилиҳои луғавӣ ва тарҷумавии калимаҳои мураккаби забонҳои мавриди назар барои муҳассилини тоҷик метавонад кӯмак расонад. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли мушкилиҳо ва масъалаҳои назариявӣ ва амалии самти забоншиносӣ ва тарҷума ёрӣ мерасонад.

Истифодаи ҷадвалҳо ва мисолҳои диссертатсия ҳамчун воситаи аёнӣ дар курсҳои луғатшиносӣ, назария ва амалияи тарҷума ҳам барои забони англисӣ ва ҳам барои забони тоҷикӣ аз манфиат холӣ нест.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқотии диссертатсияи мазкур таҳти унвони «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» барои дарёфти дараҷаи

илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос бо шиносномаи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 –Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти муқоисавӣ-типологии низоми воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз лиҳози сохтор ва тарҷума мебошан, ки **саҳми шахсии муҳаққиқ** дар ҳамин зоҳир мегардад.

Диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар таҳти унвони «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» аз муқаддима, 3 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар **муқаддима** аҳамияту нававарии таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот пешниҳод ва асоснок гардида, нуктаҳои асосии дар кор баррасишаванда номбар шудаанд. Боби якуми кор доир ба назарияи умумӣ оид ба калимаҳои мураккаб дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мебошад. Боби дуюм фарогири таҳлили сохторӣ-семантикии воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи муқоиса аст. Боби сеюм роҳҳои тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои муқоисашавандаро дар бар мегирад.

Мутолиаи **хулосаи таҳқиқ** далели он аст, ки дар ҳақиқат, муаллиф ба мақсад ва вазифаҳои дар пеши худ гузошта ноил гаштааст. Сафарзода Рухангези Акбар дар 9 бандҳои хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқотро аз ҷиҳати илмӣ ва мушаххас ҷамъбаст намудааст, ки мазмун ва муҳтавои ҳар банд ифодагари фаслу зерфаслҳои диссертатсия мебошанд.

Ба ҳамаи дастовардҳо нигоҳ накарда, дар автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ низ эродҳо низ ҷой доранд.

Новобаста аз ин, норасоиҳои мазкур қиммати илмию амалии диссертатсияро коста намегардонанд ва онҳо ислоҳпазир буда, дар коркард ва ба инобат гирифтани фаъолияти минбаъда пешниҳод карда мешаванд.

Диссертант оид ба рисолаи тақиқотӣ 13 мақола чоп намудааст, ки 6-тои он ба маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия тавсияшуда мансуб мебошанд.

Автореферати диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар ва мақолаҳои нашршудаи вай мазмуну муҳтавои таҳқиқотро пурра ифода мекунанд.

Диссертатсияи мазкур дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумурии Тоҷикистон (бандои 31-35-и Меъёрои омодасозии диссертатсия) пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сафарзода Рухангези Акбар сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 –Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарриз:
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи
забонҳои Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ Бобоева Мадина Маруфовна

Нишонӣ: ш. Душанбе, хиёбони
академик Раҷабовҳо 10а
Тел.: +992 81881470
e-mail: madina82@mail.ru

Имзои Бобоева М. М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ Шарипова Д.А.

03.08.2022